**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои филология Муъминҷонов Зулфиддин ба диссертатсияи илмии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон» (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015) барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика**

Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик – муҳоҷирати меҳнатӣ ва инъикоси он дар матбуоти даврии тоҷик бахшида шудааст. Ин масъала дар муҳити илмии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтааст.

Мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ дар контексти илмӣ нав набошад ҳам, дар замони муосир таваҷҷуҳ ба он бештар шуд, зеро шароит ва раванди муҳоҷират масъалаҳои зиёдеро ба миён овард. Муҳоҷират ба мушкилоти умдаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатҳову давлатҳо шинохта шуд, ки ҷаҳони муосирро бидуни ин раванд наметавон тасаввур кард. Дар ташаккули маърифати муҳоҷират, бозгуву баррасии масъалаҳои марбут ба он нақши ВАО, хосса матбуоти даврӣ кам нест. Ин аст, ки дар такя ба маводи ВАО ба ин масъала муҳаққиқони соҳаҳои гуногун аз ҷумла сиёсатшиносону муаррихон, иқтисодчиён фарҳангшиносон таваҷҷуҳ менамоянд. Пажӯҳиши ин масъала аз контексти илми журналистикаи тоҷик низ дар канор набудааст. Доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ таҳқиқотҳо, аз ҷумла пажӯҳиши диссертатсионӣ ба анҷом расонида шудаанд. Ин пажӯҳишҳо бо табиати худ хос бошанд ҳам, ба мавзӯи мавриди назар алоқамандии бевосита надоранд. Унвонҷӯ аз ин пажӯҳишҳо хуб воқиф аст ва дар раванди таҳлилу баррасии мавзӯъ ба онҳо такя намудааст.

Вижагии таҳқиқоти мазкур он аст, ки объекти омӯзиши онро матбуоти даврии тоҷик, бахусус нашрияҳои даврии “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” ташкил медиҳанд. Интихоби ин ду нашрияи гуногун давлатӣ ва хусусӣ аз нигоҳи усули таҳқиқ дуруст буда, ба муаллиф имкон додааст, ки омӯзиш ва баррасии масъаларо дар такя ба равишҳои таърихӣ ва муқоисавӣ ба роҳ монад.

Муҳоҷират ва масъалаҳои марбут ба он дар замони муосир ба ҷузъи таркибии мундариҷаи ВАО, хосса матбуоти даврӣ табдил ёфтааст. Нашрияҳои даврӣ на танҳо раванди муҳоҷирати меҳнатиро зери назорати эҷодӣ қарор медиҳанд, балки дар таҳкими ин раванд ва самарбахш

гардидани он мусоидат мекунанд. Ин ва дигар ҷиҳатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки контексти нашрияҳои давриро ташкил медиҳанд, далолат ба он мекунад, ки интихоби мавзӯи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон» барои таҳқиқи диссертатсионӣ айни замон буда, дар илми журналистикаи тоҷик муҳимму аҳаммиятнок аст.

Дар доираи кори диссертатсионӣ омӯхтану барраси намудани ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ, муайян кардани дараҷаи инъикоси прблемаҳои ин навъи муҳоҷират дар нашрияҳои даврӣ, нишон додани вижагиҳои мундариҷавию жанрии осори марбут ба ин мавзӯъ воқеан сухани тоза ва мубрам аст.

Натиҷаҳои таҳлилу баррасиҳои бaанҷомрасида имкон медиҳанд, ки дар бораи таърихи муҳоҷират, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, мушилоти ин раванд, нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули имиҷи муҳоҷири тоҷик, шаклу шеваи инъикос ва баррасии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои даврӣ, бахусус нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” маълумоти нисбатан пурра ба даст орем.

Унвонҷӯ моҳияти мавзӯи таҳқиқро илман маърифат намуда, бо дарназардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ омӯзиш ва пажӯҳиши онро дар муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба шакл даровардааст, ки комилан дуруст аст.

Дар муқаддима чун қоида аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шуда, татбиқи кор тавсиф гардидааст.

Мавзӯъ бо низоми муайяни илмӣ ва риояи мантиқ мавриди таҳлил қарор гирифта, вазифаҳои ба миён гузошташуда пайиҳам ва ба таври диалектикӣ роҳи ҳалли худро пайдо намудаанд. Чунин тарзи муносибат дар маҷмӯъ барои ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиши мавзӯъ мусоидат кардааст. Бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро фаро гирифта, ба якдигар дар алоқамандии мантиқӣ қарор доранд. Ҳар боб аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Баъзе ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ»** унвон дошта, дар он ду ҷанбаи асосии муҳоҷират–заминаҳои таърихӣ ва омилҳои сиёсиву иҷтимоии пайдоиши муҳоҷират ва ҷанбаҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳлилу баррасиҳои илмӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли аввал унвонҷӯ дар такя ба манобеи таърихиву илмӣ заминаҳои таърихии муҳоҷиратро муайян намуда, ба хулосае меояд, ки

раванди муҳоҷиршавӣ барои тоҷикон таърихи дерина дошта бошад ҳам, дар се давра фирор ва муҳоҷирати мардум авҷ гирифтааст. Якум аз вожгун шудани аморати Бухоро оғоз гардида, то торумори дастаҳои калони босмачиён (солҳои 1920-1923) идома ёфтааст. Давраи дувум – аз тақсимоти ҳудуди миллӣ ва ташкил ёфтани Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон (1924) ибтидо гирифта, то давраи барпо кардани Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон (1929) давом мекунад. Давраи сеюм – аз таъсиси Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон то оғози коллективонии саросариро дар бар мегирад.

Дар замони муосир ба ин раванд омилҳои гуногун, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ, бухрони иқтисодӣ, фурӯпошии сохтори иқтисодии кишвар, хусусигардонӣ, афзоиши бекорӣ, зиёдшавии шумори аҳолӣ, афзудани талаботи моддӣ ва маънавии мардум таъсир гузоштааст. Дар диссертатсия ин омилҳо бо паҳлуҳои мусбату манфиашон муфассал таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Дар фасли дуюми ин боб паҳлуҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ ба баррасии муфассал кашида шудааст. Аз баррасиҳои муаллиф бармеояд, ки бо вуҷуди мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози ҷараёни муҳоҷират ба ҳалли масъалаҳои он мусоидат намудааст. Қабул гардидани «Конвенсияи давлатии сиёсати муҳоҷират» (1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» (1999), «Консепсияи муҳоҷирати меҳнатиии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа» (2001), «Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи мардикорони муҳоҷир ва аъзои хонаводаи онҳо», Қонуни федералии «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Русия» (2002), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тартиби додани иҷозатнома (литсензия) нисбат ба фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ҷалби неруи кории хориҷӣ дар Тоҷикистон» (2001), «Барномаи муҳоҷирати меҳнатии берунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2005 (2002), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ» (2001), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба тартиб даровардани бақайдгирии муҳоҷирати берунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2003), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ» (2004) дар роҳи бунёди асосҳои меъёриву ҳуқуқии танзими ҷараёни муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, мусоидат намудаанд. Ин ва дигар асноди қонуниву меъёрӣ, аз як тараф, раванди муҳоҷирати меҳнатии тоҷиконро

ба танзим дароварда, аз ҷониби дигар, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва замонати кору зиндагии онҳоро берун аз ҷумҳурӣ таъмин намудаанд.

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон»»** ном гирифтааст, инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷиронро дар нашрияҳои даврии «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» фаро гирифтааст. Ин ду нашрия дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, вазъи муҳоҷирони муздур, ташаккули имиҷи онҳо нақши бориз дошта бошанд ҳам, муносибати онҳо ба ин раванд яксон набудааст. Масалан, нашрияи «Ҷумҳурият» дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, пеш аз ҳама, ба қонунҳо, санадҳо такя намуда, усулҳои касбии рӯзноманигориро риоя намудаст. Хусусияти асосии маводи дар ин мавзӯъ чопкардаи ин нашрияро гуногунии санадҳо, арзёбиҳо ва андешаҳое муайян мекунанд, ки фарогири иттилоот барои ислоҳи вазъ мебошанд. Дар ин равиш нашрия бештар мавзӯъҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии муҳоҷирон, танзими раванди муҳоҷират, касбомӯзии муҳоҷирон, афзоиши суръати муҳоҷират, омилҳо, таҳдидҳо, хатарҳо ва амсоли инро интишор намудааст, ки ҳам арзиши раҳнамоӣ ва ҳам таблиғотӣ доранд.

Ҳафтаномаи «Озодагон» низ дар инъикос ва арзёбии воқеаҳо ва мушкилоти ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ роҳу равиши хос дошта, мақсади аслиаш манзури омма гардонидани масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва мусоидат намудан ба ҳалли онҳо будааст. Ин нашрия низ бо чопи иттилооти гуногун мушкилоти воқеии раванди муҳоҷирати меҳнатии тоҷиконро дар Русия матраҳ сохта, ба ин васила хонандагонро аз таъсири омилҳои мусбату манфӣ дар шаклгирии ин ҷараён ва оқибатҳои он воқиф сохтааст. Он дар интихобу интишори иттилоот ба манбаъҳои иттилоотии худиву бегона ва мутахассисони соҳа такя карда, масъалаҳои мавриди инъикосро дар заминаи манфиатҳои миллӣ баррасӣ намудааст.

Дар умум нашрияҳои даврии “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” бо нашри матолиби гуногун мушкилоти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҳаёти муҳоҷирон ва раванди муҳоҷирати меҳнатиро ба миён гузошта, аз як тараф, дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳоҷират, аз ҷониби дигар, дар ташаккули тасаввурот оид ба имиҷи муҳоҷири меҳнатӣ саҳм гузоштаанд.

Боби сеюми диссертатсия – **“Тарз ва василаҳои инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ”** низ шомили ду фасл буда, тарзи таҳия, усулҳои интихоби жанрҳо ва имконоти истифодаи онҳо дар

инъикос ва баррасии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ таҳқиқу таҳлил шудааст.

Аз таҳлилу баррасиҳои муҳаққиқ бармеояд, ки нашрияҳои мавриди таҳқиқ дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ аз имконоти жанрҳои хабариву таҳлилӣ самаранок истифода намудаанд. Аз жанрҳои хабарӣ бештар хабар ва мусоҳиба мавриди истифода қарор гирифтааст. Хабарҳое, ки доир ба воқеиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар ин нашрияҳо чоп шудаанд, аҳамияти иттилоотӣ дошта, мазмунҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фаро гирифтаанд. Хабарҳои ин нашрияҳо бо тозагии рӯйдод ва тарзи таҳия диққатҷалбкунандаанд. Аксари онҳо иттилои саривақтӣ дар бораи рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик буда, аҳамияти иҷтимоиву сиёсӣ низ доранд. Дар онҳо унсурҳои жанрсоз бамаврид корбаст гардида, гуногунрангӣ ва таъсиргузориашонро таъмин кардааст.

Сохтори жанрӣ ва мавзӯии хабарҳои ин нашрияҳоро унсурҳои фаврият, ба завқи мухотабон мувофиқ кардан, аниқии факт, фаҳмо будани муҳтавои иттилоот, мухтасарбаёнӣ устувор намудааст.

Таҳлилҳои муқосавии унвонҷӯ нишон медиҳад, ки нисбат ба нашрияи "Ҷумҳурият" ҳафтаномаи "Озодагон" аз жанри мусоҳиба бештар кор гирифтааст. Мусоҳибаҳои ин нашрия масъалаҳои раванди муҳоҷират аз ҳаёти муҳоҷирони тоҷикро фаро гирифта, бештар дар навъи диалог шакл гирифтаанд. Дар онҳо ҳадаф ва мавқеи рӯзноманигорон ва мусоҳибони онҳо равшан ва муайян аст, ки далолат ба риояи талаботи жанрӣ аст.

Миёни жанрҳои таҳлилӣ мухбирномаву мақола ва табсираву нигориш нисбатан серистеъмол будаанд. Нашрияҳои мавриди таҳқиқ дар баррасии мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ аз имкониятҳои ин жанрҳо истифода намудаанд. Дар диссертатсия намунаҳои зиёди ин жанрҳо зикр гардида, тариқи таҳлилу баррасиҳо хусусиятҳои умумӣ ва хоссаи онҳо нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, мавзӯи мавриди таҳқиқ ва масъалаҳои ба миён гузоштаи унвонҷӯ илмиву мантиқӣ буда, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, ки бо бобу фаслҳои диссертатсия сахт алоқаманданд, мушаххас ва аниқ ба шакл дароварда шудааст. Дар таҳқиқи мавзӯъ аз маводи зиёди илмиву амалӣ истифода гардида, ки ба фарох гардидани доманаи таҳлил ва баррасиҳои муқоисавӣ мусоидат намудааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дорад. Он дар илми рӯзноманигории тоҷик аз аввалин пажӯҳиши диссертатсионие маҳсуб меёбад, ки нақши матбуоти даврӣ, бахусус нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон"-ро дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати

меҳнатӣ дар бар мегирад. Муҳтавои дисертатсия то ҷойе донишҳои илмӣ ва амалии рӯзноманигориро афзуда, дар ташаккули маърифати назарӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа таъсир гузошта метавонад. Маводи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, тадриси фанҳои таърихи матбуоти тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, асосҳои ҳуқуқии журналистика истифода кард.

Ҳамин тавр, мазмуни диссертатсия ва услуби таълифи кор моро мутмаъин месозад, ки муаллифи он Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовнаро ҳамчун муҳаққиқи дорои қобилияти хуби пажӯҳиш, нерӯи мустақилонаи эҷодӣ, шеваи хоси баҳсу музокира ва ҷасорати дифоъ намудани мавқеи худ арзёбӣ намоем. Ӯ кори илмии хуберо ба анҷом расонидааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти навгонӣ дошта, дар заминаи матни диссертатсия асоснок карда шудаанд. Вале дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи он ба манфиати кор аст:

1.Дар фасли якуми боби якуми диссертатсия муаллиф такя ба адабиёти таърихиву илмӣ ва ёддоштӣ омилҳои иҷтимоии пайдоиши муҳоҷирати тоҷикон ва раванди онро баррасӣ намудааст, ки хеле хуб аст, аммо ба назар чунин мерасад, ки ӯ давраҳои авҷи муҳоҷиратро дар замони шӯравӣ ва истиқлолият муфассалтар таҳлилу арзёбӣ накардааст.

2.Дар фасли дуюми ҳамин боб, асноди ҳуқуқиву меъёрӣ ба баррасӣ кашида шудааст, ки барои муайян намудани вижагиҳои муҳоҷирати меҳнатӣ аз аҳамият холӣ нест. Агар муаллиф ба нақши матбуоти даврӣ, аз ҷумла нашрияҳои мавриди пажӯҳиш дар шарҳу тавзеҳ ва оммавигардонии асноди ҳуқуқиву меъёрии марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ низ таваҷҷуҳ менамуд, илмияти кор боз ҳам балантар мегашт.

3.Мавзӯи муҳоҷират дар матбуоти даврӣ ва публитсистикаи тоҷик нав нест. Ин мавзӯъ дар публитсистикаи солҳои 50 ва 70-уми асри гузашта мавқеи муҳим доштааст. Асарҳои Ҳ. Содиқ, Ҳ. Аскар “Аз Масчоҳ ба Масчоҳ”, Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон» намунаи аз онҳост. Унвонҷӯ метавонист ҳангоми баррасии матолиби марбут ба масъалаҳои муҳоҷират аз ин асрҳо низ истифода кунад.

4.Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф ҳангоми нишон додани қолабҳои жанрӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бештар ба ҷанбаҳои муҳтавоӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ҳол он ки унвонҷӯро мебоист зиёдтар ба таҳлили талаботи жанрӣ дар ин нашрияҳо таваҷҷуҳ мекард.

5.Дар диссертатсия нуқсонҳои ҷузъии грамматикӣ, забонӣ ва гуногунуслубӣ ба назар мерасанд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро намудааст.

Автореферат ва 8 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна – «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон» (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015) таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика сазовор аст.

Муъминҷонов Зулфиддин
доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Маълумот барои иртибот:
доктори илмҳои филология
(ДДН № 0606/4-401Д от 7.02. 2020г. № 173/нк)
дотсент бо ихтисоси “Журналистика”
(ЗДЦ № 012593 от 12. 04. 2018г. № 392/нк)
Ҷойи кор: МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода”
Вазифа: декани факултети режиссура,
кино ва телевизион Муъминҷонов Зулфиддин
Имзои Муъминҷонов З. ро
тасдиқ мекунам.Сардори шуъбаи
кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи
М. Турсунзода” Ҳомидова Зарина
08.12.2020с.
Нишонӣ: 734032, ш. Душанбе, хиёбони
Борбад 73а, МДТ “Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода”
тел. +992(327) 231 05 57, 231 45 45
www ddst. tj
E-mail: tajartins@yandex.com